Тақризи

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи “Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст

Мавзӯе, ки унвонҷӯй Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна тайи чанд соли охир барои ҳаллу фасли он кӯшиш ба харҷ дод, дар марҳилаи имрӯза яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогика ба ҳисоб меравад. Муаллифи диссертатсия Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дорои сатҳи баланди омодагии касбӣ мебошад ва ин имконият фароҳам овард, то унвонҷӯйи муваффақи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ гардад. Баробари омода намудани кори диссертатсионӣ ба ҷустуҷӯйи роҳҳои самарабахши ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ шавқу ҳавас зоҳир намуд. Ҳамзамон маълумоти базавии аз рӯйи ихтисосдошта ва ба ҳайси мушовир – роҳбари таҷрибаомӯзӣ фаъолият бурданаш барои истифодаи босамари имкониятҳои педагогӣ дар раванди таҷрибаомузӣ барои шинохт ва омӯзиши арзишҳои фарҳангию табиӣ ва таърихиву миллӣ дар асоси манбаъҳои табиии кишвар ва фаро гирифтани иттилооти арзишманд мусоидат намуд.

Зимни пешбурди кори илмӣ-таҳқиқотӣ Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» масоили омӯзиш ва корбурди имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳрой ва комплексиро дар ташаккули эҳсоси ватандустӣ ва ҳисси худшиносии донишҷӯён фаъолона таҳқиқ намуд.

Ин барои интихоби мавзӯи таҳқиқотӣ марбут ба ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ замина гардид. Унвонҷӯ дар раванди иҷрои таҳқиқоти илмӣ ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос ва донандаи нозукиҳои кори илмӣ тамоми талаботи роҳбари илмиро сари вақт иҷро намуда, сифатҳои мутахассиси баландихтисосро дар соҳаи мазкур нишон дод.

Маврид ба зикр аст, ки Ҳайдарова М.М. усулҳои таҳлили илмиро мувофиқи имконият азхуд карда, қобилияти мустақилона гузарондани тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, истифода бурдани маводҳои васеи илмиро тавассути такя ба манбаъҳои мустаҳками назариявию амалӣ нишон дод. Дар ташкилу гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои саҳроиву комплексӣ, таъмини иттилоотии раванди таълим дар таҷрибаомӯзӣ бо истифодаи захираҳои аксиологӣ, маърифатӣ, иттилоотӣ, эҷодӣ, ташкилӣ ва ғ. ҷиҳати таҳкими иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод намуд.

Ин аст, ки дар заминаи ҷорӣ намудани сохторҳои модели ғайримуқаррарӣ ҷиҳати баланд бардоштани майли донишҷӯён нисбат ба бойгариҳои табииву иқтисодӣ ва фарҳангии Ватан ҳангоми таҷрибаомӯзӣ ба натиҷаҳои самарабахш муваффақ гардид, зеро амалкарди ин раванд ҷанбаҳои арзишманди манотиқи мухталифи кишварро ошкор намуда, дар асоснок намудани имкониятҳои педагогӣ мусоидат менамояд.

Дар натиҷаи пажӯҳишҳои илмӣ як қатор мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расонид. Маводҳои ба чопрасонидаи Ҳайдарова М.М. оид ба хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди

таҷрибаомӯзии таълимӣ аз ҷониби олимони варзидаи илми педогогикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шуданд.

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ чунин мешуморем, ки диссертатсияи мазкур кори илмӣ–тахассусии пурра ба анҷомрасида мебошад, ки аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи баланди илмӣ ва назариявӣ иҷро карда шудааст. Муаллиф ҳамчун унвонҷӯи босалоҳият эҷодкору таҳқиқотчӣ буданашро нишон дод. Дар рафти тарҳрезии рисолаи номзадӣ ба таҷрибаи педагогии худ дар фаъолияти муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя кардааст. Ҳайдарова М.М. дорои сифатҳои назаргири илмию педагогӣ ва май ба корҳои илмӣ–тадқиқотӣ буда, мустақилона тадқиқоти илмӣ бурда метавонад.

Сохтор ва мӯҳтавои диссертатсия ба талаботи Низомномаи амалкунандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадӣ мувофиқ буда, барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:

Сабурӣ Хайрулло Мирзозода,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори МДТ “Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров”.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: +992-92-847-76-07. e-mail: saburov.67@mail.ru

Имзои Сабурӣ Х.М.–ро тасдиқ мекунам:
сардори РК ва КМ МДТ “ДДХ ба
номи академик Б. Ғафуров” Наврӯзов Э.М.